## КИТОБ ОМИЛИ БУНЁДИИ ТАШАККУЛИ ТАФАККУРИ ИНСОН ВА ТАМАДДУН

Мутолиаи китоб яке аз воситаҳои ғанӣ гардидани ҳофиза
мебошад. Маҳз тавассути гирифтани ахборва хондани китоб инсон дар б
ораи воқеа ва рӯйдодҳои олам маълумот пайдо карда, доираи ҷаҳонбини
и хешро васеъ мегардонад. Дар олам миллатҳое ҳастанд, ки аксари мутла
қи афроди
онҳо ба китобхонӣ машғул шуда, ин амали шоистаро ба фарзандон аз ов
они кӯдакӣ меомӯзонанд. Барои ин қабил миллатҳо
китоб ғизои рӯҳ, роҳати ҷон ва манбаи илҳом мебошад.

Тоҷикон ба доираи ҳамин қабил халқу миллатҳо дохил шуда, аз қадим б
а китоб арҷ мегузоштанд ва хондани китобро ба фарзандон
тарғиб мекарданд. Онҳо китобро муқаддас ва рафиқи мӯнис медонистан
д. Аксарашон зери болини фарзандон китоб мениҳоданд. Саромадони ҳи
кмат ва адаби тоҷик ба китоб бо меҳру муҳаббат муносибат намуда, онр
о ягона омили дарёфти дониш медонистанд ва дар осору ашъори
пурмуҳтавои хеш арзиши баланди
ин дӯсти беминнатро ситоиш мекарданд. Дар маҷмӯъ, китоб барои тоҷик
он фонуси зиндагӣ ва чароғи ақл ба шумор мерафт. Масалан, Абулқосим
и Фирдавсӣ доир ба ин масъала мегӯяд:

Ҷаҳонро ба дониш тавон ёфтан,

Ба дониш тавон риштану бофтан.

Муҳтавои ин андешаи шоирро дарёфти донишу ҳунар ташкил медиҳад.
Аммо илму дониш бе мутолиаи китоб, хондани осори таърихиву адабӣ в
а фалсафиву ахлоқӣ ба даст намеояд. Инсони донишманд аз овони хурдӣ
ба мутолиа
машғул шуда, на танҳо илмҳои замонаашро аз худ мекунад, балки китоб
ҳои зиёди гузаштагону ҳамасрони ҳамватани худ ва осори тарҷумашудар
о аз забони дигар халқҳо мехонад ва ҷаҳонбиниашро васеъ месозад. Шах
се, ки зиёд мехонад ва ба мутолиа ҷиддӣ машғул мешавад, дар
зиндагӣ ҳатман ба муваффақият ноил мегардад.

Дар гузашта одамони босавод мисли имрӯза
бо қадру соҳибэҳтиром буданд, зеро китоби зиёд мехонданд, қисми бешт
ари умрашонро ба мутолиа сарф мекарданд. Баробари ин қиссаву ривоят
ҳоро бо завқи баланд нақл мекарданд ва ба ин восита маҳбубият пайдо м
енамуданд. Ин ҳама бузургиву тавоноӣ, пеш аз ҳама, аз китобхонӣ сарча
шма мегирифт. Чунончи, Абулқосими Фирдавсӣ ба хотири зинда гардон
идану ҷовидона намудани гузаштаи халқи худ умрашро ба мутолиаву ҷу
стуҷӯ бахшида буд. Вай

даҳҳо сарчашмаҳои қадимиро дарёфт карда, садҳо луғату тафсирро варақ зада, маъхазҳои зиёди бостонӣ, аз ҷумла паҳлавиро омӯхтааст. Дар баробари ин, қиссаву ривоят ва осори пешиниёнро ҷамъоварӣ намуда, баъди ба даст овардани ахбори фаровон достони безаволи «Шоҳнома»-ро таълиф кардааст.

Дониши васеъ ба ӯ имкон дод, ки аз хеш
чунин ҳамосаи бузургу безаволро ба мерос гузорад. Достонҳои таълифкардаи вай ҳар кадом дарахти пурбори гузаштаи мардуми ориёӣ буда, аз ҳар баргаш бӯйи таърих меояд ва барои ошноӣ пайдо кардан ба гузаштаи халқ чун раҳнамои беҳтарин хидмат мекунад.

Ахбори
ин ҳамосаи бузург азасотири бостонӣ оғоз шуда, то анҷоми ҳукмронии сулолаи Сосониён идома меёбад. Фарогирии чунин давраи тӯлонии асотириву таърихӣ нишон медиҳад, ки Фирдавсӣ осори зиёдеро мутолиа ва луғати фаровонеро аз худ кардааст. Ҳамзамон, аз сарчашмаҳои нодир истифода карда, достонҳои ҳаммонанди назмиву насрии паҳлавиву форсии қадимро аз мадди назар дур насохтааст. Шоир бо ҳиммати баланд ва хоксории бемислдар муқаддимаи достон аз баъзеи онҳо
ёдовар шудааст. Ҳамин ахбори фаровон ва кирдорҳои шоистаи шахсони хирадманд боис шудааст, ки Фирдавсӣ борҳо хонандаро ба донишандӯзӣ даъват мекунад, аз ойини хирадмандӣ ёд менамояд, накӯиро ситоиш месозад ва доир ба пайдоиши садҳо ҷашну маросим ва
устураҳои офариниш хабардода, саҳифаҳои дурахшони таърихи гузаштаи халқашро дар шакли ҳамоса ҳунармандона бозтоб менамояд.

Ба назари мо,
ошноӣ ба осори гузаштагону муосирон ба Фирдавсии бузург имкон додааст, ки аз овони хурдӣ то рӯзгори пирӣ бахондану таълифи шеър машғул бошад ва дар ниҳояти кор шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо намояд.

Устод
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ҳам ба шарофати мутолиаи китоб ва аз худ кардани осори шоирони пешин ба дараҷаи «одамушшуаро» расидааст. Ин абармарди дунёи сухан «Калила ва Димна»-ро бо чанд забон мутолиа намуда, дар ниҳоят маснавии
хешро бо диду андешаи нав таълиф кардааст, ки мазмуни баланди инсондӯстона дошта, фарогири муҳимтарин масъалаҳои ҳаётӣ мебошад. Шоир дар таълифи достонҳо низ ин роҳу равишро идома дода, ба сарчашмаҳои зиёди таърихиву
бадеӣ рӯ овардааст ва дар заминаи маводи фаровон достонҳои «Синбоднома», «Даврони Офтоб» ва осори дигарро эҷод кардааст.

Адибону олимони
баъдӣ низ маҳз дар заминаи мутолиаи китоб ва омӯзиши осори зиёди ил
миву адабӣ ва таърихӣ ба дараҷаи бузургиву ҳашамат расидаанд.

Ба маънои дигар, китоб сарчашмеаест, ки инсон ба воситаи он иттилоъ мегирад, захираи
луғавии худро бой месозад, аз дигаргуниҳои олам бохабар мешавад ва ба
 ҷаҳони мураккаби одамони дигар ошно шуда, неку бади дунёро мефаҳм
ад. Китоб, инчунин, имкон
медиҳад, ки инсон қобилияти фикррونии худро ташаккул диҳад, доир ба
ҷузъитарин масъалаҳои зиндагӣ назари мустақил дошта бошад, дар доир
аи асарҳои мутолиакардаи хеш ва
дар мисолирафтору кирдори одамони гуногун
хулосабарорӣ намояд. Яъне, китоб ҷанбаи зеҳниву
маънавӣ ва равонии шахсро тақвият бахшида, ба ӯ имкон медиҳад, ки ои
д ба ҳар як ҷузъиёти ҳаётӣ натиҷагирӣ кунад ва ба иштибоҳ роҳ надиҳад.

Китоб воситаи
дилхушӣ ва берун овардани шахс аз рӯҳафтодагӣ низ мебошад. Баъзе ода
мон ягона роҳи тасаллоихотирро дар
китобхонӣ мебинанд ва вобаста ба завқашон китобҳое, ки онҳоро аз ҳол
ати вазнини равонӣ берун меоранд, мутолиа карда, аз нав нерӯ мегиранд.

Китоб
роҳнамои шахс мебошад. Дар бисёри ҳолатҳо одамон ба хотири дарёфти
роҳи ҳалли мушкилот ба китоб рӯ оварда, садҳо китобро варақ мезананд
 ва бо қаҳрамону персонажҳои зиёде рӯ ба рӯ шуда, афкору андеша, рафт
ору гуфтори онҳоро арзёбӣ мекунанд ва гиреҳи бастаи
зиндагиашонро боз менамоянд. Доир ба бузургии китоб муаллими
ахлоқу маърифат Абдурраҳмони Ҷомӣ мегӯяд:

Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст,

Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст.

Шоири орифу
муаллими ҳикмат бо таҷрибаи ҳаётӣ ба хулосае омадааст, ки китоб ҳамр
оҳу рафиқ, мӯнису ғамхор, манбаи илҳом, рӯҳбахши ҷону тани инсон, са
рчашмаи дониш ва ғизои зеҳну шуури шахс мебошад. Китоб аст, ки кас
танҳоиро эҳсос намекунад, ғаму андӯҳро фаромӯш месозад ва аз асрори
бисёр ҳодисаҳо огаҳӣ меёбад. Чунин абёти ҳакимона ва ишораҳои оқило
на дар осори олимону адибони гузашта ниҳоят зиёд мебошанд. Махсусан
, дар ашъори устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими
Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абурайҳони Берунӣ, Ҳаким Саноӣ, Шайх

Аттор, Ҷалолиддини Балхӣ, Носири Хусрав, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Ш ерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдулқодири Бедил, Соиби Табрезӣ, Аҳмади Д ониш, Шамсиддини Шоҳин, Садриддини Айнӣ ва садҳо нобиғаи илму адаби
тоҷик ишора ва таъкидҳои зиёд дар бораи аҳаммияти китоб ва мутолиаи он гуфта шудаанд.

Дар замони
соҳибистиқлолӣ ба шарофати ғамхориҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эм омалӣ Раҳмон арҷ гузоштан ба китоб ва тарғибу ташвиқи он дар кишвар ба ҳукми анъана даромада,
ба ҷузъи ҳаёти фарҳангии ҳар як шахс ва ҷомеаи навини Тоҷикистон таб дил ёфтааст. Маҳз бо дастгирии Роҳбари давлат ҳар сол асарҳои адибони тоҷик аз чоп баромада, дар мамлакат китобҳои зиёди таълимиву соҳавӣ ва илмиву оммавӣ чоп мешаванд. Баробари ин, номгӯй ва шумораи рӯзномаву маҷаллаҳо дар мамлакат нисбат ба замони сохти гузашта бамаротиб зиёд шуда, барои шаҳрвандон имконияти ба даст овардани ах бор бештар гардидааст. Ҳамзамон
истифодаи китобҳои аудиоӣ ва электронӣ низ ба роҳ монда шуда, китобх онаҳои электронӣ таъсис ёфтаанд, ки барои бо тарзи муосир, яъне бо ист ифода аз технологияҳои нав гирифтани ахбор ва хондани осори адибони гузаштаву муосири ватаниву ҷаҳонӣ бо забони асл ва тарҷума роҳандозӣ шудаанд.

Иқдоми аввалине, ки Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин самт пеш гирифтанд, ҷудо намудани маблағ барои чопи китобҳои адибо ни кишвар буд. Соли 2007 баъди вохӯрӣ бо зиёиёни мамлакат
аз ҳисоби Фонди захираи Президент 250 ҳазор сомонӣ ҷудо карда шуд, к и бо ин маблағ асарҳои Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Ат о Ҳамдам ва дигарон ба теъдоди зарурӣ чоп гардиданд ва қисми зиёди он ҳо ройгон ба муассисаҳои фарҳангӣ ва таълимии кишвар тақсим карда ш уданд.

Ташаббуси
Роҳбари давлат дар ин самт солҳои баъдӣ низ идома ёфта, аз соли 2008 т о соли 2019 бо ин мақсад беш аз ду миллион
сомонӣ ҷудо гардид ва бо ин маблағҳо ҳамасола китобҳои адибони муос иру гузашта ба нашр расонида мешаванд. Ин ибтикори
фарҳангпарварона имкон дод, ки адибони тоҷик асарҳои тозаэҷодашонр о сари вақт ба хонанда пешниҳод кунанд ва соҳиби ҳаққи қалам шуда, ва зъи иҷтимоии худро беҳтар гардонанд. Дар баробари ин, чопи асарҳои н ав, албатта, дӯстдорони адабиётро хушҳол мегардонад.

Ибтикори дигаре, ки
Роҳбари давлат ба ин мақсад амалӣ намуданд, чопи силсилаи осори ниёк он мебошад. Дар доираи ин иқдоми нек аз соли 2007 чопи «Ахгарони адаб» дар панҷоҳ ҷилд ба роҳ монда шуд. То ба имрӯз
бо ин мақсад муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 1 миллиону 800 ҳазор сомонӣ ҷудо карданд ва нашриёти «Адиб» 38 ҷилди ин силсиларо аз чоп баровард. Дар ин силсила аз ашъори пурмуҳтавои устод
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ сар карда, осори Абулқосими Фирдавсӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Ҳаким Саноӣ, Носири Хусрав, Шамсиддини Шоҳин, Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ, Зуфархони Ҷавҳарӣ ва дигарон ба нашр расид ва ба дӯстдорони каломи бадеъ тақдим
гардид. Бовар дорем, ки ҷилдҳои баъдии инсилсилапай дар пай нашр хоҳанд шуд. Ҳар як китоби ин силсила аз ҷониби мутахассисони варзида омода гардида, баъди муқоиса бо дастхатҳо ва нашрҳои пешин интишор мешавад.

Ҳамин тариқ, бо ташаббуси Пешвои миллат дар мамлакат чопи китоб тадриҷан ба танзим даровarda шуд ва нашриётҳои давлатӣ, аз ҷумла «Адиб», «Ирфон», «Маориф» аз ҳисоби буҷети давлат ва нашриётҳои хусусӣ аз ҳисоби муаллифон ва дӯстдорони китоб чопи китобҳои илмиву оммавӣ ва бадеиву таърихиро ҷиддӣ ба роҳ монданд. Бо ҳамин тарз дар зарфи солҳои 2005-
2020 даҳҳо ҳазор ҷилд китоб нашр гардида, ҳар ҳафта бо ташаббуси нашриёти «Адиб» ва дигар ноширон дар пойтахти мамлакат, маркази вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо рӯнамоӣ ва фурӯши китобҳо баргузор мегардад. Бо вуҷуди ин, то имрӯзтанҳо дар анбори нашриёти «Адиб» 460 номгӯйи китоб ба
теъдоди қариб 144000 нусха боқӣ мондааст, ки дӯстдорони китоб, роҳбарони мақомоти марказиву маҳаллии давлатӣ, муассисаҳои таълимӣ ва фарҳангӣ метавонанд ин китобҳоро харидорӣ намоянд.

Дар идомаи ин амали нек Пешвои миллат чопи «Куллиёт»-
и Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлониро аз ҳисоби Фонди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ карданд ва ин китоб низ аз ҷониби нашриёти «Адиб» ба теъдоди 5000 нусха аз чоп баромад ва ба дӯстдорони шеъру сухан пешниҳод гардид. Куллиёти мазкур, ки аксари осори шоирро фарогир мебошад, бори аввал дар асоси сарчашмаҳои муътамад, яъне дастхатҳои мавҷуда ва бо истифода аз нашри пешин аз чоп баромад.

Ғайр аз ин, Пешвои миллат ба Китобхонаи миллии Тоҷикистон аз ҳисоби буҷети давлат барои тарҷума, бознашр ва чопи китобҳои нодир ҳамасола маблағ ҷудо мекунанд, ки иқдоми ниҳоят саривақтӣ ва ватандӯстона мебошад. Тавассути ин маблағҳо

асарҳои нодире, камёфт шудаанд ё осори пурқимате, ки ба забони тоҷик
й тарҷума нашудаанд, чоп карда мешаванд. Дар чанд соли охирбо ин
роҳ китобҳои Саолабии Нишопурӣ «Таърихи ғурур-ус-
сияр», Абусаид Абдулҳайи Гардезӣ «Зайн-ул-
ахбор», «Авасто», китоби якум, Абулфазли
Байҳақӣ «Таърихи Байҳақӣ», Аҳмади Тусӣ «Аҷоиб-ул-
махлуқот ва ғароиб-ул-мавҷудот», «Мероси хаттии бостон» дар ду ҷилд,
«Динкарт», Эмомалӣ Раҳмон «Забони давлатӣ ва истиқлолият», Эмомал
й Раҳмон «Забони миллат-ҳастии миллат», китоби якум,
«Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» дар ду ҷилд ва осори дигар
чоп шуда, имкони истифодабарии онҳо аз ҷониби дӯстдорони адабиёт ва
 аҳли таҳқиқ муҳайё гардид.

Роҳбари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонба китоб ва мутолиаи он муҳ
аббати хосса доранд, зиёд мехонанд, доир ба асарҳои аз давраи наврасӣ т
о ба имрӯз хондаашон бо завқ нақл карда, аксари қаҳрамонону персонаж
ҳои
дӯстдоштаашонро дар хотир доранд ва оид ба хислатҳои ҳамидаи онҳо қ
исса мекунанд. Ҳарчанд ки корҳои давлатдорӣ тамоми вақташонро меги
ранд, вале ҳар рӯз бо дарёфти фурсати муносиб ба мутолиа машғул шуда
, рӯзномаву маҷаллаҳои davriro варақ мезананд, бо
вуҷуди он ки аз хабарҳои дохилу хориҷ огоҳии пурра доранд, гузоришҳо
и кӯтоҳи ёрдамчиёнро дар бораи авзои кишвар, минтақаву ҷаҳон, навова
риҳои илму техника, вазъи иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву сиёсӣ мут
олиа карда, дастуру супоришҳо медиҳанд. Дар баробари ин, осори
адибони гузаштаро бо
шавқ хонда, гоҳо дар мулоқоту суҳбатҳо, маҷлисҳои корӣ ва муҳокимаи
маърӯзаҳоаз онҳо ёд мекунанд. Баъзан дар назди ҳозирин ва ҳамсуҳбатон
 аз корномаҳои Шерак, Спитамен, Маздак, Абумуслими Хуросонӣ, Маҳ
муди Торобӣ, Темурмалик, Восеъ ва дигарон
ёдоварӣ карда, асарҳоеро, ки дар бораи ин чеҳраҳои таърихиву миллӣ та
ълиф шудаанд, номбар намуда, ба шахсиятофаринии муаллифони онҳо б
аҳои воқеӣ медиҳанд.

Мо
борҳо дидаем, ки Роҳбари давлат номи адибону олимони бузурги гузашт
аи тоҷикро бо самимият ва
эҳтироми хосса ба забон оварда, аз офаридаҳои оламшумулашон ёд меку
нанд. Аз заҳматҳои кашидаи онҳо, ки дар давраҳои ниҳоят вазнину мура
ккаб асар эҷод намудаанд, бо ифтихору муҳаббат сухан мегӯянд ва ба хи
дматҳояшон таҳсин мехонанд. Ҳамзамон, ҳамеша таъкид мекунанд, ки
асарҳои таълифкардаи баъзе аз бузургони миллати тоҷик, аз ҷумла Абуа

лӣ ибни Сино, Абурайҳони Берунӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Умари Хайём в
а дигарон
ба рушди илму адаби ҷаҳонӣ таъсири амиқ расонида, аҳаммияти худро т
о ба имрӯз гум накардаанд.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шахсият ва осори устод Абуабдуллоҳи Рӯ
дакӣ, достонҳои «Шоҳнома»-
и Абулқосими Фирдавсӣ, ғазалиёт ва «Маснавии маънавӣ»-
и Ҷалолиддини Балхӣ, «Рӯшноинома», «Саодатнома»-
и Носири Хусрав, «Гулистон», «Бӯстон»-и Саъдии Шерозӣ ва ашъори
дилкаши Ҳофизи Шерозиву Камоли Хуҷандӣ муҳаббати беандоза доран
д, дар лаҳзаҳои фориғ аз кор ва ҳангоми танҳоӣ ба ин хазинаи маънӣ рӯ
оварда, аз андешаҳои ҳакимонаи ин пирони адаб сабақи маънавӣ мегира
нд.

Пешвои миллат асарҳои устод Садриддин Айнӣ, Сотим
Улуғзода ва китоби «Тоҷикон»-
и Бобоҷон Ғафуровро низ мунтазам мутолиа мекунанд ва доимо аз ишор
аву таъкидҳои ватандӯстона ва худогоҳонаи онҳоёдовар мешаванд. Махс
усан, мақола ва асарҳои публитсистии устод Садриддин Айниро, ки дар
бораи халқи тоҷик, забони
тоҷикӣ ва масъалаҳои худшиносии миллӣ таълиф шудаанд, дар вақтҳои з
арурӣ истифода мекунанд.

Бо шоҳасари Бобоҷон Ғафуров «Тоҷикон» воқеан
ифтихор дошта, дар бештари суҳбатҳо ва маҷлисҳои кориашон аз заҳмат
ҳои ватандӯстонаи ин донишманди нотакрор бо эҳтиром ёд мекунанд ва
хидматҳои беназирашро дар рушди тафаккури таърихии халқи тоҷик зик
р менамоянд.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо таъсири асарҳои меҳанпарастонаву милл
атдӯстонаи устод Айнӣ ва Бобоҷон Ғафуров китоби «Тоҷикон дар ойина
и таърих» ва «Забони миллат-ҳастии миллат»-
ро (дар ду ҷилд) таълиф карданд, ки ин китобҳо ҷанбаи баланди
худшиносӣ, худогоҳӣ ва ватандӯстона дошта, бисёр саҳифаҳои таърихро,
ки ин ду шахсияти барҷастаи миллати тоҷик дар бораи онҳо
иҷмолан изҳори назар кардаанд, такмилу пурра намуда, аз рӯйи
сарчашмаҳои муътамади таърихӣ ва асарҳои муҳаққиқони ватаниву хор
иҷӣ баъзе масъалаҳоро муфассал ва бо далелҳои раднопазир
ба доираи таҳқиқ кашида, ба ин давраҳои дурахшони ҳаёти халқ, боҷасо
рат изҳори ақида кардаанд.

Дар китобҳои зикршудаи Пешвои миллат
воқеияти таърих холисонаву одилона ва олимона баён гардида, масъалаҳ

ои бостонӣ будани халқи тоҷик, аз насли ориёиҳо сарчашма гирифтани о
н ва дар Осиёи Марказӣ мардуми бумӣ будани ин халқ муфассал шарҳ ёф
таанд. Махсусан, назари Роҳбари давлат доир ба ташаккулу
таҳаввули забони тоҷикӣ, давраҳои таърихӣ ва ҳифзу ҳимояи он аз ҷони
би соҳибони меҳанпарасташ пураҳаммият буда, дар ташаккули худшино
сӣ ва худогоҳии миллии аҳли ҷомеа нақши бузург мебозад.

Дар баробари ин, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон услуби хоси
суҳбаторой дошта, пеш
аз ҳар вохӯрӣ бо зиёиёни кишвар кӯшиш мекунанд, ки ба асарҳои тозаэҷ
оди адибону олимони муосир шинос шаванд. Бо ин мақсад вақт ёфта, ма
ҷмӯаи шоиронро мехонанд, рисола ва китобҳои нави олимону донишман
донро аз назар мегузаронанд, ба қиссаву романҳои
таърихӣ диққати бештар дода, онҳоро бо завқ мутолиа мекунанд ва дар
мулоқоту вохӯриҳо
назару андешаҳои худро ба муаллифонашон озодона ва дӯстона баён мес
озанд. Борҳо дидаем, ки баъди чорабиниҳои фарҳангиву идона Пешвои
миллат адибони шинохта, аз ҷумла Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Муъми
н Қаноат, Муҳаммад Ғоиб, Фарзона, Нозим Қосим, Муҳиддин Хоҷа, Ато
 Ҳамдам, Саттор Турсун, Абдулҳамид Самад, Бароталӣ Абдураҳмон ва д
игаронро дар атрофи худ ҷамъ оварда, бо онҳо дар бораи офаридаҳояшо
н
сухан мегӯянд ва аз эҷодиёти ҳар кадоми онҳо огоҳ буданашонро баён ме
доранд.

Баъзан
чунин ҳам шудааст, ки бо ихлосмандӣ шеърҳои «Аз хоки Сиёвушем»-
и Бозор Собир, «Забони модарӣ»-и Лоиқ Шералӣ, «Ман ориёиям»-
и Масъуди Сипанд, «Ватан гуфтам»-
и Рустам Ваҳҳобро хотиррасон карда, байтҳои алоҳидаи онҳоро бо як са
мимият такрор мекунанд ва ба маҳорати эҷодии
ин шоирон таҳсин мехонанд.

Пешвои миллат
асарҳои чеҳраҳои сиёсиву иҷтимоии гузаштаву муосирро низ аз назар ме
гузаронанд, ба навиштаҳои онҳо диққати махсус медиҳанд. Борҳо дидае
м, ки аз
асарҳои Ҷавоҳирлол Неру, Моҳандас Карамчанд Ганди, Муҳаммад Алӣ
Ҷино, Ден Сяопин, Си Зин Пин ва дигарон ёд карда, назари онҳоро доир
ба давлатдорӣ, усули роҳбарӣ ва рушди иқтисоди миллиашон баррасӣ ка
рда, аз таҷрибаи назариявию амалии онҳо баҳравар шуданашонро
таъкид месозанд.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҳорати хоси эҷодӣ дошта, дар фурсатҳои мувофиқ ишораҳои шахсиашонро дар варақҳои алоҳида қайд карда, онҳ оро ҷудогона дар як гӯшаи дафтари кории худ ҷамъ менамоянд. Ҳангоми сафарҳои хидматӣ ба шаҳру ноҳияҳо ва
хориҷи кишвар низ Пешвои миллат ин усули эҷодиро истифода намуда, хулосаҳои худро дар варақаҳо навишта, онҳоро пас аз бозгашт ё ба коти бот месупоранд ё ба маводи қайдҳояшон зам карда, ҳангоми таълифи ма қолаҳои илмӣ, оммавӣ ё таҳияи маърӯзаҳо аз ин навиштаҳои хеш истифо да менамоянд. Як қисми ташаббус ва идеяҳои нав аз байни ҳамин гуна ва рақаҳо пайдо шуда, ҳамчун мавзӯъ
ё масъалаи мубрам ба матни мақола ва маърӯзаҳои ин шахсияти таърихӣ ворид мешаванд. Чунончи, соли гузашта дар Паёми навбатиашон ба Ма ҷлиси Олӣ масъалаи мутолиаи китобро дар байни хонандагону донишҷӯ ён ҷиддӣ ба миён гузоштанд. Ин ташаббус пешниҳоди шахсии худи Пеш вои миллат буда, аз дохили варақаҳои қайди шахсӣ ба муҳокимаи ёварон гузошта шуд ва вориди матни паём гардида, дар миёни ҷомеа ҳамовозии гарм пайдо намуд.
Роҳбари давлат масъалаи мазкурро ниҳоят муҳим арзёбӣ карда, масъуло ни соҳаҳои маориф ва фарҳангро вазифадор намуданд, ки:

«…ба хотири баланд бардоштани
сатҳи маънавиёти аҳолӣ чопи китобҳои бадеиро зиёд намуда, дар як сол хондани на камтар аз
панҷ китоби бадеӣ ва ҳифзи асарҳои манзуму мансури адибони гузаштав у муосирро барои калонсолону хонандагон ба роҳ монанд ва иҷрои онро зери назорати қатъӣ қарор диҳанд[1].

Дар пояи ин
иқдоми маърифатпарваронаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон падару модаро н, омӯзгорон ва хонандагону донишҷӯён, инчунин
мақомоти марказӣ ва маҳаллӣ ба харидории китоб шурӯъ намуда, китоб хонӣ дар муассисаҳои таълимӣ, миёни
аҳолӣ ва байни хизматчиёни давлатӣ вусъати тоза пайдо кард. Дар бисёр муассисаҳои давлатӣ китобхонаҳо таъсис ёфтанд, ки ҳар як корманд бар обари пайдо кардани вақт дар ин китобхонаҳо нишаста, ба мутолиаи кит об машғул мешавад. Дар мактабҳо тибқи фармоиши Вазорати маориф ва илм
мусобиқаҳои мухталифи китобхонӣ ба роҳ монда шуд ва сафи китобхонҳ о дар кишваррӯз ба рӯз зиёд шуда истодааст. Ҳамзамон, наврасону ҷавон он ҷиҳати ҳифзи абёти шоирон ва аз худ кардани порчаҳои насрӣ талош доранд. Тибқи гузоришҳое, ки тавассути
воситаҳои ахбори омма пахш мегарданд, маълум мешавад, ки дар тамом

и гӯшаву канори мамлакат дӯстдорони китоб зиёд шуда, наврасон китоб
ҳои бадеиву таърихиро бо завқ мутолиа мекунанд.

Дар доираи ин супориши Сарвари давлат Вазорати
фарҳанг якҷо бо мақомоти маҳаллӣ барои таъмиру тармими китобхонаҳ
ои шаҳру ноҳияҳо, бахусус, деҳаҳои дурдаст иқдом гирифта, ба таъмини
онҳо бо китобҳои тозанашр шурӯъ кардааст. Ғайр аз ин, дар кишварамо
н шахсони ҳимматбаланд ва китобдӯсте пайдо шудаанд, ки
бо мақсади амалӣ кардани ташаббуси Пешвои миллат дар
деҳаҳои худ китобхонаҳо бунёд карда, дари онҳоро барои дӯстдорони ки
тоб боз карда истодаанд.

Воқеан, ин амали шоистаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон а
з тарафи сокинони кишвар ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бо хушнудӣ пазируфта
шуд. Волидайн дар пайи дарёфти
асарҳои адибон шуда, баъди дарс нури дидагони хешро ба китоб хондан
водор месозанд. Калонсолон низ рӯ ба китоб оварда, ба китобхонаҳо ра
фта, вақти холии худро дар ин макони маърифат мегузаронанд. Аз рӯи м
аълумоти оморӣ вақтҳои охир шумораи муштариёни
китобхонаҳо дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳо бамаротиб зиёд шудааст.

Пешвои миллат ба фаъолияти
китобхонаҳо низ диққати махсус дода, доир ба ин масъала низ ҷиддӣ изҳ
ори назар намуданд. Аввалан, нисбат ба фаъолияти номуназзами китобх
онаҳо изҳори
нигаронӣ намуда, камбудиҳои ҷойдошта, аз қабили нарасидани китобҳо
и тозанашр, истифода нагардидани маводи мавҷуда ва кам шудани шумо
раи китобхонҳоро зикр карданд. Ва мақомоти марказӣ ва маҳаллиро ваз
ифадор карданд, ки минбаъд китобхонаҳоро ба макони мутолиаи китобу
рӯзнома ва ахбору
маҷаллаҳои даврӣ, ҷойи баргузории чорабиниҳои адабиву фарҳангӣ ва м
уоширати наврасону ҷавонон табдил диҳанд ва фаъолияти онҳоро зери н
азорати ҷиддӣ қарор дода, хазинаи китобхонаҳоро ғаниву пурра гардона
нд.

«Китобхонаҳо-ишора карданд муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон-
бояд ба маркази муҳимми илму фарҳанг табдил дода шаванд, зеро китоб
маҳсули ақлу заковати мардуми соҳибтамаддун, омили асосии ҳифзи фар
ҳанги миллӣ ва яке аз муҳимтарин воситаҳои маърифатнок кардани аҳли
ҷомеа буда, қобилияти сухандониву суханрониро
сайқал медиҳад, доираи андешаву тафаккур ва ҷаҳонбинии инсонро васе
ъ ва ӯро ба роҳи дурусти зиндагӣ раҳнамоӣ мекунад»[2].

Муносибати некбинонаи
муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ояндаи кишвар ҳар як инсони бедордилро водор месозад, ки ба мутолиаи китоб машғул шуда, ҷаҳонбинии худро такмил бахшад. Аксари сокинони кишвар ин иқдомро пазируфта, рӯ ба к итобхонӣ оварданд ва тарғиби китобу
китобдӯстӣ дар миёни аҳли ҷомеа вусъат гирифт.

Иқдоми дигаре, ки Пешвои миллат дар ин самтпеш гирифтанд, дар сатҳи кишварэълон намудани озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ…»
мебошад, ки натиҷаҳои хуб ба бор оварда истодааст. Дастовардҳои навр асону ҷавононро ба инобат гирифта, Пешвои дурандеш
имсол ҳам ин озмунро дастгирӣ карданд. Ташаббуси мазкур боис мешав ад, ки доираи иштирокчиён бамаротиб васеъ ва дар он табақаҳои гуногу ни ҷомеа, новобаста аз синну сол, ширкат варзанд.

Ин чорабинии фарҳангӣ ба баланд бардоштани
завқи наврасону ҷавонон, қавӣ намудани ҳофизаи онҳо, ошно шудан ба с ухани асил ва қувват бахшидан ба қобилияти зеҳнии шахс мусоидат мена мояд. Барои озмуни мазкур як миллиону шашсаду чилу шаш ҳазору чорс ад сомонӣ ҷудо шуда, номинатсияҳо ба қисмҳои алоҳида ҷудо шудаанд в а аз кӯдаки боғча то калонсолон метавонанд дар ин озмун иштирок кард а, соҳиби мукофот гарданд. Дар ин бора Сарвари давлат дар паёмашон б а вазоратҳои дахлдор, бахусус, Вазорати маориф ва илм дастур доданд, к и:

«Ҳар сол озмуни «Фурӯғисубҳидоноӣ»-ро баргузор
намуда, ба он доираи ҳарчи васеътари ҷомеа ҷалб ва ҷиҳати ҳавасмандсо зии ғолибон аз мактаб саркарда, то мақомоти маҳалливу марказии ҳоки мияти давлатӣ чораҷӯӣ карда шавад.

Вазорати маориф ва илм, вазорату
идораҳое, ки дар сохторашон муассисаҳои таълимӣ доранд, роҳбарони м ақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вази фадор карда мешаванд, ки минбаъд ҳар сол озмуни «Фурӯғи субҳидоноӣ …»-ро аз рӯи се самт: якум-
миёни тарбиягирандагон ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти томакт абӣ ва миёнаи умумӣ; дуюм-
таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ва сеюм-
дар байни калонсолон васеъ ба роҳ монанд»[3].

Дар асоси ин таъкиди
Роҳбари давлат ба озмуни зикршудана танҳо тарбиягирандагону таълим гирандагони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, балки дигар табақаҳои ҷомеа, нов обаста аз синну сол ҷалб мешаванд. Акнун шаҳрвандони мамлакат метав

онанд боз ҳам бештар ба китобхонӣ рӯ оваранд, суханҳои пурмазмунро аз бар созанд, шеър ва порчаҳои насриро ҳифз намоянд ва доираи ҷаҳонбиниашонро васеъ карда, луғат ва калимаву ибораҳои зиёдро дар зеҳни худ ҷой диҳанд. Ба назари мо, баргузории озмун, такони ниҳоят ҷиддӣ дар роҳи ташаккули маънавиёти аҳли ҷомеа мегардад ва ба ҷалби бештари хоҳишмандони шеъру сухан мусоидат менамояд.

Дар доираи ҳамин андешаҳои судманд Пешвои миллат ба ҷавонони кишвар муроҷиат карда, онҳоро ба мутолиа, китобхонӣ, ҷустуҷӯҳои илмиву таҳқиқотӣ даъват карда, аз ҷумла гуфтанд, ки:

**«Шумо-ҷавонони азиз, ҳаргиз фаромӯш накунед, ки гузаштагони мо-тоҷикон дар тӯли тамоми таърих соҳиби саводу маърифат, китобу қалам, илму дониш ва офарандагони яке аз тамаддунҳои бостонӣ, инчунин, шаҳрсозу шаҳрдору шаҳрнишин буданд»[4].**

Воқеан, ин таъкидҳои саривақтии Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳар як наврасу ҷавони бедордилро водор месозад, ки ба донишомӯзиву китобхонӣ машғул шавад ва ҷаҳони маънавии хешро ҳарчи бештар ғанӣ гардонад.

Аз ин рӯ, наврасону ҷавонон ва аҳли ҷомеаро зарур аст, ки китобхониро ба одати доимӣ табдил диҳанд, ба омӯзиши илму дониш ҷиддӣ машғул шаванд ва дар рушди Тоҷикистони азизамон, ки хонаи умеду орзуи ҳар кадоми мову шумо мебошад, саҳми арзанда гузоранд ва Ватани маҳбубамонро ба як кишвари пешрафтаи фарҳангӣ мубаддал гардонанд.

**Абдуҷаббор РАҲМОНЗОДА,**

**Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа**

Бознашр аз рӯзномаи «Ҷумҳурият», 08.06.2020, №106

[1]Эмомалӣ Раҳмон. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ. 26 декабри соли 2019.-Душанбе: Шарқи Озод, 2019.-С. 26-27.

[2]Эмомалӣ Раҳмон. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ. 26 декабри соли 2019.-Душанбе: Шарқи Озод, 2019.-С. 26

[3]Эмомалӣ Раҳмон. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асо

сии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ.26 декабри соли 2019.-
Душанбе: Шарқи Озод, 2019.-С. 26

[4]Суханронии
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Р
аҳмон ба ифтихори рӯзи дониш,1 сентябри соли 2019
[захираи электронӣ].-Реҷаи дастрасӣ:
//http://www.president.tj/node/21207 (санаи муроҷиат: 26.05.2020)